«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Ж.Б.
«___16___» декабри соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мувофиқат мекунад.

Дар нимаи аввали асри XX дар Ҳиндустон чандин нобиғаҳои адаби ин мамлакат зиндагӣ ва фаъолият кардаанд, ки суханашон барои башарият эътибори зиёд дошт. Аз ҷумлаи адибони романнавис ва ҳикоянависони машҳури Ҳинд Премчандро ном бурдан мумкин аст. Премчанд дар Ҳиндустон ва хориҷ аз он ҳамчун нобиғаи адаб ва бузургтарин инсондӯсти ҳақиқатҷӯ шинохта шудааст. Нависанда бо фаъолияти адабӣ ва осори бебаҳояш ба рушду инкишофи адабиёти ҳиндӣ таъсири бузург гузоштааст. Премчанд адибест, ки ба воситаи адабиёт барои дарки вазъу ҳолат ва масъалаҳои гуногунпаҳлуи мардуми одӣ боҷуръат қадам гузоштааст. Адиб дар асарҳояш дунёеро ба қалам додааст, ки дар он аз ҳама бештар воқеият, ҳақиқат ва инсондӯстӣ ба назар мерасад.

Шуҳрати беҳтарин ҳикоянависи ҳиндӣ будани Премчанд боис гаштааст, ки пажӯҳишгарон дар асарҳои таҳқиқотии худ, қабл аз ҳама, ба ҳунари ҳикоянависии Премчанд эътибор дода, бештар ҳикояҳои ӯро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Ин ҳам ҷолиб аст, ки ӯро дар

баробари беҳтарин ҳикоянавис, боз ҳамчун беҳтарин романнавис дар адабиёти ҳиндӣ эътироф кардаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ёрова Сабоҳат Нуровна маҳз ба масъалаи муҳим, мубрам ва нисбатан мураккаби адабиётшиносии муосир бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшидааст, ки бо истифода аз сарчашмаву маводи фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ образи занро дар эҷодиёти Премчанд ва махсусан романҳои «Нирмала» ва «Камомад» мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир гардидааст, ки то ба имрӯз роҷеъ ба образи зан дар романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и Премчанд таҳқиқи ҳамаҷониба анҷом дода нашудааст ва диссертант кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои эҷодиёти Премчандро дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад» таҳқиқ намуда, ба воситаи таҳлили ин образҳо муайян кунад, ки чи тавр зани ҳинду аз зани сарфаровардаи хомӯшона ба тақдираш тан дода ва дар ҷавонӣ бо дили пур аз ҳасрат ин оламро падруд гуфта (романи “Нирмала”), ба зани боҷуръату мубориз ва қавиирода (романи “Камомад”) табдил меёбад. Мазмун ва масъалаҳои ҳар ду роман баробари муҳимтарин масъалаҳои ҳамон замон, яъне замони Премчанд, боз ифодакунандаи дараҷаи олии инсондӯстии адиб мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмии даврони муосир робита дошта, ҷиҳати тадриси фанҳои адабиётшиносӣ, назария ва таърихи адабиёти муосири Ҳинд ҳамчун маводи асосӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонад. Ҳамзамон, диссертатсия дар асоси номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникии дар кишвар сурат гирифта, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии муҳаққиқ аз он иборат аст, ки ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии ӯ дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳо ва диссертатсия инъикос ёфта, масоили марбут ба образи зан дар романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и Премчандро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони адабиётшиносии дохиливу хориҷӣ ва маҷаллаҳои илмӣ муҳимтарин хусусиятҳои образи занро дар эҷодиёти Премчанд, махсусан романҳои «Нирмала» ва «Камомад» таҳқиқ намуда, вазъи занони онвақтаи ҳиндиро муайян кардааст. Ҳамчунин, диссертант вобаста ба

мавзуъ 15 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда рӯйи нашр овардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна аз муқаддима, чаҳор боб, даҳ фасл, хулосаю китобнома ва тавсияҳои илмӣ иборат аст. **Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он равона гардидааст, ки мавзуи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал аст, ки дар он образи зан дар эҷодиёти Премчанд дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад» тадвину мураттаб мегардад. Тибқи ин ҳадаф меҳвари асосии таҳқиқоти мазкур тасвири симои зан, одатҳои аз гузашта меросмонда, хурофот ва паст кардани шаъну шарафи инсонии занон дар романҳои номбурда, инчунин хусусиятҳои мавзуӣ, идеявӣ ва услубии асарҳои нависанда ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камшинохти марбут ба образи занон дар асарҳои Премчанд равшанӣ андохта, дар омӯзиши романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и нависанда мавoди зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии ҳунари образофарии Премчанд, ҷойгоҳи романҳои «Нирмала» ва «Камомад» дар эҷодиёти Премчанд, образи зан дар романҳои номбурда, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ, муҳтавою мундариҷаи роман дар нимаи аввали асри XX судманд хоҳад буд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода кард. Инчунин, метавон ҳангоми таҳияи дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти ҳиндӣ, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими адабиёти ҳиндӣ дар асри XX ва назарияву амалияи наср дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ истифода кард.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, сарчашмаҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд»** унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли нахуст, ки **«Омӯзиши Премчанд дар хориҷи Ҳиндустон»** унвон дорад, таҳқиқоти пажӯҳишгарони хориҷ аз Ҳиндустон тавсиф гардидааст. Диссертант бо такя ба манобеи илмӣ қайд мекунад, ки ҷараёни зиндагӣ ва паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Премчанд диққати муҳаққиқони

хориҷиро низ ба худ ҷалб кардааст, ки онро мо дар таҳқиқотҳои олимони ҳиндшиноси рус баръало мушоҳида карда метавонем. Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба омӯзишу тарҷумаи осори адибони маъруфи Ҳиндустон, аз ҷумла Премчанд, ки бо асарҳои ҷолибу замонавии худ хазинаи адабиёти ҷаҳониро ғанӣ гардонидааст, диққати махсус дода мешуд. Асарҳои Премчанд - ин нобиғаи адаб ба понздаҳ забонҳои ин мамлакат тарҷума ва чоп шуда буданд. Фасли дуюми боби аввал - **«Омӯзиши Премчанд дар Ҷумҳурии Ҳиндустон»** ба таҳлилу баррасии мақоми Премчанд дар таҳқиқоти пажӯҳишгарони ҳиндӣ ихтисос дода шудааст. Аз гуфтаҳои муаллиф маълум мегардад, ки аввалин муҳаққиқоне, ки дар Ҳиндустон ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд машғул шудаанд, инҳо Индранатҳ Мадан (тав.1910), Ҳансраҷ Раҳбар (1913-1994), Қамар Раис (1932-2009), Рамвилас Шарма (1912-2000) ва Камал Кишор Гоянка (тав. 1938) мебошанд. Асари ба Премчанд бахшидаи ӯ "Ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд" (Premchand: Jivan, kala aur krititv) ном дошта, бори аввал соли 1952 ва, баъдан, борҳо аз чоп баромадааст, ки ин далели гувоҳи арзиши баланд доштани ин асар мебошад.

Боби дуюми диссертатсия **«Премчанд – асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ»** номгузорӣ шудааст. Диссертант ба он назар аст, ки барои шинохти дақиқи Премчанд зарур аст, ки нахуст вазъияти замони зиндагонии ӯро таҳқиқ намуд. Дар фасли аввали боби дуюм - **«Ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд»** зиндагиномаи ӯ таҳқиқ гардида, қайд карда мешавад, ки маъруфтарин ҳикоянавис ва романнавис, асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ Премчанд 31 июли соли 1880 дар деҳаи Ламҳӣ, воқеъ дар наздикии шаҳри Банорас, дар оилаи корманди почта ба дунё омадааст. Номи аслии Премчанд - Дҳанпатрай мебошад, ки маънои "сарватманд" – ро дорад, лекин ин ном ба ӯ на сарват овардаасту на ягон дороии дигар. Адиб аз таваллуд, то марг дар тангдастӣ зистааст. Дар мавриди эҷодиёти Премчанд бошад, диссертант қайд мекунад, ки то соли 1919 Премчанд аллакай асарҳои гуногун навиштааст, аз ҷумла, "Манзилгоҳи худоҳо" ("Devasthan rahasya", бо забони урду "Asrare maobid", 1903), "Према" (бо забони урду "Hamkhurma va hamsavab", 1907), "Кришна" (1907), "Маликаи ғазаболуд", ("Ruthi rani" (1907), "Вардан" (бо забони урду "Jilvai isar". 1912), "Паноҳгоҳ" (Sevasadan" 1919, бо забони урду "Bazare husn", 1924) нашр карда буд. Фасли дуюми боби дуюм - **«Премчанд – нависандаи инсондӯст»** ба баррасии нигоштаҳои нависанда ихтисос дошта, диссертант қайд мекунад, ки Премчанд худ идомадиҳандаи ғояҳои ҳамон адибоне буд, ки аз ӯ пештар, шояд зери таъсири Шӯриши Сипоҳиён

(1857-1859) бошад, чараёни инкишофи адабиёти ҳиндӣ ва урдуро бо нигоҳи нав таҳлил намуда, нисбат ба тақдири инсон, алалхусус инсони бесарпаноҳу бесарват, андешаҳои тоза баён мекарданд. Онҳо инсони одӣ, инсони заҳматкашро шуҳратманд ва мақомашро дар ҷомеа баланд бардоштанӣ буданд.

**«Образи Нирмала дар романи «Нирмала»** унвони боби сеюми диссертатсия буда, фарогири ду фасл аст. Дар фасли аввали боби сеюм - **«Анъанаи романнависӣ дар замони Премчанд»** масъалаи нигориши романҳои ҳиндӣ дар иртибот бо осори Премчанд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант хотирнишон менамояд, ки дар адабиёти ҳиндии асри XIX инкишофи бесобиқаи ҳикоя ва роман барин жанрҳо боис шуд, ки масъалаи решаҳои миллӣ доштан ё надоштани ин навъҳои адабӣ аз ҳар паҳлӯ садо медод. Роҷеъ ба пайдоиши романи муосир дар адабиёти Ҳиндустон, аз ҷумла дар адабиёти ҳиндӣ, муҳаққиқони ин соҳа нигоҳи якранг надоранд. Чанде аз олимон, агар решаҳои қадима ва миллӣ дошани насри ҳиндиро дар мисоли ҳикояву романҳои замони қадим, ки бо забони санскрит эҷод шудаанд, бо далелҳо собит карданӣ шаванд, гурӯҳи дигаре ин ақидаро рад намуда, дар зери таъсири романи муосири Ғарб пайдо шудани романи муосири ҳиндиро дурусттар меҳисобанд. Фасли дуюми боби сеюми диссертатия **«Ҳунари образофарии Премчанд»** ном дошта, ба омӯзишу таҳқиқи хусусиятҳои образҳои офаридаи Премчанд ихтисос дода шудааст. Диссертант зикр менамояд, ки ҳадафи асосии адиб офаридани чеҳра, рафтор, кирдор, ахлоқ, дӯстдорӣ, бадбинӣ ва дигар эҳсоси инсонӣ аст. Адиб инсони одӣ, аслан инсонеро, ки заҳматкаш аст ва бо меҳнати сангин рӯзгоре дорад пур аз мушкилиҳо, воқеъбинона тасвир кардааст. Дар фасли сеюми боби сеюм, ки **««Нирмала» – беҳтарин роман дар баёни масоили зан»** унвон дорад, зикр мегардад, ки образи Нирмала – ин ифодакунандаи дараҷаи олии инкишофи реализми танқидӣ дар эҷодиёти Премчанд мебошад. Романи “Нирмала” аз 27 боб иборат аст. Ҳанӯз дар оғози роман, дар боби якум тақдири талх доштани Нирмала мушоҳида намешавад, фоҷиае ҳам ба назар намерасад. Лекин ишора ба бадбахтӣ аллакай вуҷуд дорад. Дар фасли чоруми боби мазкур – **«Нирмала – образи фоҷиавӣ»**, диссертант образи Нирмаларо дар се даври ниҳоят кутоҳи зиндагиаш мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Давраи аввал, то ҳамон вақте ки Нирмала ҳанӯз як духтараке мебошад, ки мисли ҳамаи дигар духтарони ҳамсолаш фаҳмиш ва амалҳояш аз доираи бозиву ҳавасҳои кӯдакӣ берун набуд. Давраи дуюм, ин давраи ноилоҷ ба шавҳар баромадани Нирмала ва, ниҳоят, давраи сеюм, ин замони зиндагӣ, шавҳардорӣ ва модари угай шудани Нирмала мебошад.

Боби чоруми диссертатсия **«Тасвири симои зани мубориз дар романи «Камомад»»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст, ки фасли якум **«Ҷойгоҳи романи «Камомад» дар эҷодиёти Премчанд»** унвон дошта, дар он қайд мегардад, ки романи "Камомад" яке аз машҳуртарин романҳои адиб мебошад, ки соли 1931 ба табъ расидааст. Шумораи зиёди муҳаққиқони ҳиндустониву хориҷӣ ин асарро машҳуртарин гуфтаанд. Фасли дуюми боби чаҳорум **«Ҷалпа – образи зани мубориз»** унвон дошта, Премчанд аз оғози асар то ба охир образи Ҷалпаро бо образи Рамнатҳ тавре тасвир мекунад, ки муқоисаи ду образи аз якдигар фарққунанда намоён шуда истад. Рамнатҳ қарз гирифта, зевар хариданӣ мешавад, вале Ҷалпа ба ин амал роҳ намедиҳад ва мегӯяд, ки бе зеварот ҳам зистан мумкин аст.

Ҳамин тавр, ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда ҳалли худро ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсия маҷмуи ақидаву натиҷаҳои таҳқиқ буда, дар он якчанд тавсияҳои муҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо баён шудаанд:

1. Масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола, метавонад барои таҳқиқоти густурдаи масъалаҳои ҳиндшиносии тоҷик имкони бештар фароҳам оварад.

2. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон дар таҳқиқи мавзуи «Масоили зан дар осори адибони Ҳинд» мавриди истифода қарор дод.

3. Маводи ҷамъовардашуда дар рисола ва натиҷаҳои таҳқиқи мазкур, ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ ва дар пажӯҳиши масъалаҳои дастурӣ, инчунин тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ ва таҳияи дастурҳои таълимии адабиётшиносӣ муфид ба ҳисоб меравад.

4. Тавассути таҳлили мавзуи образи зан дар эҷодиёти Премчанд дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад» метавон ба шинохти беҳтарин хусусиятҳои осори мансури адабиёти ҳиндӣ даст ёфт. Натиҷаҳои ба дастомада дар таҳияи дастурҳои назарӣ метавонад мавриди истифода қарор гиранд.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақият дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳати беҳтар гардидани сатҳу сифати он чунин камбудиҳо ба назар мерасанд, ки бартараф намудани он ба манфиати кор мебошад:

1. Ҳарчанд ки номи диссертатсия **«Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)»** мебошад, вале танҳо аз боби 3-юми он сухан дар мавриди мавзуи интихобнамуда

рафтааст ва хуб мешавад, агар дар бобҳои дигари диссертатсия ба мавзуи интихобнамуда таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

2. Дар бахши «мубрамии мавзуъ» маълумоти умумӣ пешниҳод карда шудааст, ки онҳо ба мубрам будани мавзуи таҳқиқот далолати камтар доранд.

3. Ҳангоми нигориши диссертатсия такрори фикр (саҳ. 6, 15...) ҷой дорад ва хуб мебуд, агар ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

4. Дар диссертатсия баъзан ҷамъбандии нодурусти калимаҳо (таҳқиқотҳо, адабиётҳо) ба назар мерасанд (саҳ. 4, 11, 15, 17, 30, 41. 52, 60), ки ин ҳусни корро коста менамояд.

5. Диссертатсия аз ғалатҳои услубӣ (саҳ. 17, 74...) орӣ нест, ки ислоҳи онҳо сифати илмии корро афзун мекунад.

6. Зиёд будани иқтибосот дар диссертатсия (саҳ. 55, 56) мушоҳида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна бо ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқ мебошад. Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) зикр гардидаанд, мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраи назария ва таърихи адабиёт ва тарҷума ва забонҳои Осиёи Ҷанубу Шарқии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода аз 13-уми декабри соли 2024, суратҷаласаи №5 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар: «муқобил - нест; «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи назария
ва таърихи адабиёт,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Н. С.

Эксперт:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи тарҷума ва забонҳои
Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Турсунов Ғ. А.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёт Боев Ш. Э.

Имзоҳои Н. Шамсов, Ғ. Турсунов ва
Ш. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Халифаев Ф. Н.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Почтаи электронӣ: fil-sharq@ mail.ru
Тел.: (+992) 919590407, 935581818

13-уми декабри соли 2024